# 07 00 00 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ва АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ и АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 HISTORICAL SCIENCES and ARCHEOLOGY

## 07 00 02 ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
## 07 00 02 HOME HISTORY

*УДК 524*
*ББК 22.6*

### *МАЪЛУМОТИ АБУРАЙҲОН БЕРУНӢ ОИД БА КОСМОНИМИЯИ ХАЛҚҲОИ ЭРОНИЗАБОН*

***Мирбобоев Абдулло Кенҷаевич,*** *д.и.т., профессори МДТ «ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров»;* ***Бобоев Юсуф Абдулхатович,*** *н.и.т., мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиию риёзии МТҒ КТХ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *СВЕДЕНИЯ АБУРАЙХОНА БЕРУНИ О КОСМОНИМИИ ИРАНОЯЗЫЧНЫХ НАРОДОВ*

***Мирбобоев Абдулло Кенджаевич,*** *д.и.н., профессор ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова»;* ***Бобоев Юсуф Абдулхатович,*** *к.и.н., заведующий кафедрой гуманитарных и естественно-математических дисциплин НОУ ТКХ (Таджикистан, Худжанд)*

### *ABURAYHON BERUNI`S INFORMATION CONCERNING COSMONIMY OF IRANIAN SPEAKING PEOPLE*

***Mirboboyev Abdullo Kendjayevich****, Dr. of History, Professor under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov";* ***Boboyev Yusuf Abdulkhatovich,*** *candidate of historical sciences, chief of the department of humanitarian, natural and mathematical disciplines under the NGEI KhTC (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *yusuf_boboev@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *Абурайҳон Берунӣ, форсҳо, суғдиён, хоразмиён, космонимия, минтақат-ул-буруҷ, бурҷ, сайёра, ситора*

*Мавзӯи баҳси мақолаи мазкурро ахбори Абурайҳон Берунӣ дар бораи космонимияи халқҳои эронизабон ташкил медиҳад. Дар он маълумоти Берунӣ оид ба номи сайёраҳо, манзилҳои Моҳ, ситораҳои минтақат-ул-буруҷ (Дувоздаҳбуруҷ), бурҷҳои ҷанубӣ ва бурҷҳои шимолӣ муайян ва мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Муаллифони мақола номҳои форсӣ, суғдӣ ва хоразмии ин ҷирмҳои осмониро ба риштаи таҳқиқ кашида собит намудаанд, ки маълумоти Берунӣ дар ин ҷода гувоҳи забон, дин ва фарҳанги ягона доштани форсҳо, суғдиён ва хоразмиёни қадим мебошанд ва аз хусуси бисёрзабондонии Берунӣ шаҳодат медиҳанд. Дар мақола ба дучор омадани баъзе аз космонимҳои суғдӣ ва хоразмӣ дар забони тоҷикӣ ишора шудааст. Ба ақидаи муаллифон ахбори Берунӣ роҷеъ ба космонимияи суғдиён ва хоразмиён дар замони худи олим низ камназир будаанд.*

***Ключевые слова:*** *Абурайхон Беруни, персы, согдийцы, хорезмийцы, космонимия, зодиакальные созвездия, планета, звезда*

*Темой обсуждения являются сведения Абурайхона Беруни о космонимии ираноязычных народов. Рассмотрены сообщения Беруни о названиях планет, лунных домов (стоянок) зодиакальных созвездий, звезд Южного и Северного полушарий. Изучены персидские, согдийские и хорезмийские названия данных и других небесных тел. Утверждается, что сведения Беруни по этому вопросу свидетельствуют о языковой, религиозной и культурной идентичности персов, согдийцев и хорезмийцев, а также доказывается, что Беруни был настоящим полиглотом. Указано, что некоторые из согдийских и хорезмийских космонимов сохранились в таджикском языке. Высказано мнение, что данные Беруни о космонимии согдийцев и хорезмийцев были уникальными даже в эпоху деятельности ученого.*

**Key words:** *Aburayhon Beruni, the Persians, Sughdians, Khorezmians, cosmonymy, Zodiacal constellations, planet, star*

*The theme of the discussion dwells on Aburayhon's Beruni's information about Iranian people's cosmonymy. The authors canvass Beruni's data concerning planets' titles, lunar homes (settlements), zodiacal constellations, stars of Southern and Northern hemispheres. Persians, Sughdians and Khorezmian titles of these and other heavenly bodies have been studied. It is asserted that Beruni's information on the issue in question testifies to linguistic, religious and cultural identity of Persians, Sughdians and Khorezmians; it is proved also that Biruni was a genuine polyglot. It is indicated that some of Sughdian and Khorezmian cosmonyms preserved in the Tajik language. The opinion is expressed that Beruni's data about the cosmonymy of Sughdians and Khorezmians were unique even in his epoch of activities.*

Космонимика яке аз бахшҳои ономастика буда, номи ҷирмҳо ва минтақаҳои калони фазои кайҳониро меомӯзад. Космонимҳо осори тасаввуроти қадимаи инсониятро дар бораи олам нигоҳ дошта, роҷеъ ба забон, тарзи хоҷагидорӣ, кӯчиш ва алоқаҳои халқу қабилаҳо маълумоти муфид медиҳанд. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки омӯзиши онҳо дар баъзе маврид норасоии ахбори сарчашмаҳои хаттиро бартараф месозад.

Космонимияи қадимаи халқҳои эронизабон бо адёни онҳо пайванди ногусастанӣ доштааст. Маълумот дар бораи онҳо асосан дар «Авесто», осори паҳлавӣ ва фолклор ба назар мерасанд. Чунончӣ, дар «Авесто» номи бархе аз ситора, сайёра ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, ба монанди Хуршед, Меҳр, Моҳ, Тиштар, Ванад, Гарудмон, Ҳафтаврангва дигарҳо дучор меоянд [2].

Пас аз лашкаркашии арабҳо ва ҷоришавии дини ислом ва забони арабӣ бисёре аз унсурҳои фарҳанги қадимаи эрониён аз байн рафтанд. Космонимияи қадимаи онҳо низ то андозае фаромӯш шуд. Дар осори классикони адабиёти тоҷику форс номи ҷирмҳои осмониро аз қабили Меҳр, Хуршед, Моҳ, Ҳурмузд, Баҳром, Тир, Кайвон, Ноҳид, Дупайкар, Ҳафтаворанг, Парвин ва дигарҳоро дучор омадан мумкин аст. Дар рисолаҳои илмии нуҷумшиносӣ ва, хоссатан, зиҷҳо қариб, ки пурра шакли арабии номи ҷирмҳои осмонӣ мавриди истифода қарор доштанд.

Олими мутабаҳҳири тоҷик Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ дар ин масъала низ бо ахбори нодири худ ба саҳифаҳои номаълуми таърих ва фарҳанги ниёгонамон равшанӣ андохтааст. Бояд тазаккур дод, ки Абурайҳон Берунӣ пеш аз

ҳама ҳамчун олими нуҷумшинос (астроном) машҳур буда, ба қалами ӯ доир ба бахшҳои мухталифи ин соҳаи илм 70 асарро мансуб медонанд [17, с.20].

Берунӣ инчунин ба ҳайси донандаи таърихи астрономия шинохта шудааст ва дар ин ҷода ахбори ӯ оид ба космонимияи аҷдоди тоҷикон мақоми махсус доранд. Ӯ дар рисолаҳояш «Осор-ул-боқия» ва «Китоб-ут-тафҳим» номи ситораҳо, сайёраҳо ва бурҷҳои осмониро ба забонҳои форсӣ, хоразмӣ ва суғдӣ баён кардааст.

Гарчанде ахбори Берунӣ оид ба космонимияи халқҳои эронизабон мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтаанд, аммо ин ё он паҳлӯҳои ахбори ӯро дар ин самт бархе аз муҳаққиқон ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Муҳаққиқ ва мутарҷими варзидаи осори Берунӣ Ҷалол Ҳумоӣ дар муқаддимаи нашри форсии «Китоб-ут-тафҳим» оид ба навиштаҳои Берунӣ дар бораи номҳои форсии ҷирмҳои осмонӣ тавзеҳоти кӯтоҳ додааст. Дар феҳристи муқаддимаи номбурда ӯ ҳамаи космонимҳоеро, ки дар ин китоб ба забони форсӣ дучор меоянд, дар бахшҳои – «Номи бурҷҳо – номҳои пайкарҳо, ки бар минтақат-ул-буруҷанд – Дувоздаҳбуруҷ» [15, с.قمد], «Ситораҳои ҷанубӣ – Пайкарҳои ҷанубӣ» [15, с.قمد], «Ситораҳои шимолӣ – Пайкарҳои шимолӣ» [15, с. قمه , قمد], «Номҳои ситорагони раванда» [15, с.قسج], «Номҳои порае аз ситорагони истода ё биёбонӣ» [15, с.قسو, قسذ, قسج] гирд овардааст.

Пажӯҳишгари тоҷик Мирзо Ҳасани Султон дар яке аз таҳқиқоташ истилоҳоти форсии илми нуҷумро, ки дар «Китоб-ут-тафҳим» дучор меоянд, мӯшикофона омӯхта баррасӣ намудааст. Ӯ натанҳо таркиби баъзе аз космонимҳои ба забони форсӣ қайд гардидаро муайян кардааст, балки номҳои форсии бурҷҳои дувоздаҳгона, суратҳои ҷанубӣ ва суратҳои шимолиро бо ҳамчанди арабӣ, муодили русӣ ва баробарниҳодаи англисиашон қайд кардааст [21, с.93-95].

Бо арҷгузорӣ ба заҳмати ин муҳаққиқон ва эътирофи арзиши баланди илмии навиштаҳояшон бояд қайд кунем, ки таҳқиқоти онҳо ба ду сабаб ҳамаи ҷанбаҳои ахбори Беруниро оид ба космонимияи халқҳои эронизабон фаро нагирифтаанд. Зеро, агар аз як тараф онҳо ин масъаларо мавриди омӯзиши махсус қарор надода бошанд, аз тарафи дигар, таҳқиқоти номбурдаи онҳо танҳо дар заминаи «Китоб-ут-тафҳим» анҷом ёфтаанду халос. Навгонӣ ва ҷавҳари асосии кори мо бошад, дар истифодаи маълумоти на танҳо «Китоб-ут-тафҳим», балки «Осор-ул-боқия» ва дигар рисолаҳои Берунӣ низ нуҳуфтааст.

«Китоб-ут-тафҳим», ки ба унвони Райҳона ном духтараки хоразмӣ аввал ба забони форсӣ нигошта шуда, сипас аз ҷониби худи Берунӣ ба арабӣ баргардон гардида буд, донишномаи баъзе аз улуми ҳамон замона ба забони форсӣ шинохта шудааст. Дар он ба ғайр аз космонимия истилоҳоти фаровони нуҷумӣ ва илми ҳайатро ба забони форсӣ дучор омадан мумкин аст.

Абурайҳон Берунӣ дар ин асараш ҷирмҳои осмониро аз қабили суратҳо ё пайкарҳо (созвездия), ситорагон ё ситорагони раванда (планеты), собитаҳо ё ситорагони истода (неподвижные звезды) номбар кардааст.

Нуҷумшиносони қадим ва асримиёнагӣ аз мавҷудияти панҷ сайёра – Уторид, Зӯҳра, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал бохабар буданду халос. Онҳо ба қатори сайёрагон Офтобу Моҳро низ ҳамроҳ мекарданд. Дар адабиёти тоҷику форс ин сайёрагон ба унвони ҳафт ахтар машҳуранд.

Ин ҷирмҳои осмониро ба забони арабӣ кавокиб ва ё сайёрот меномиданд. Берунӣ бошад онҳоро ситорагон ва ё ситорагони раванда номида, чунин навиштааст: «Ва ситорагони раванда он ҳафтанд, ки ҳар яке курае доранд ҷудогона. Ва ин равандагон як

ба дигар ва табоина наздик ҳамешаванд ва дур ҳамешаванд, гоҳ аз ҷиҳати ҷой ва гоҳ аз ҷиҳати баробарӣ. Ва он аз баҳри зудии ҳаракати эшон аст ва мухолифӣ» [5, с.55].

Мутассифона дар «Китоб-ут-тафҳим» номи сайёрагон ба забони арабӣ оварда шудаанд. Аммо, дар бисёр мавридҳо космонимҳои Офтоб ва Моҳ низ ба назар мерасанд [5, с.63 ва баъд].

Дар «Осор-ул-боқия», ки ба забони арабӣ таълиф гардидааст, сайёрагон кавокиб номида шудаанд. Берунӣ дар ин рисолааш номи сайёраҳоро ба забонҳои арабӣ, юнонӣ, форсӣ ва хоразмӣ баён кардааст [6, с.202]. Бо мақсади огоҳии бештар пайдо карданашон мо ин ҷадвалро бо иловаи номи сайёраҳо ба забони русӣ пешкаши хонандагон мекунем:

**Ҷадвали номҳои кавокиб**

| Тозӣ (арабӣ – Ю.Б.) | Румӣ (юнонӣ – Ю.Б.) | Форсӣ | Хоразмӣ | Русӣ |
|---|---|---|---|---|
| Зуҳал | Қурнус | Кайвон | – | Сатурн |
| Муштарӣ | Зовус | Ҳурмузд | Р-и-м-ж-д | Юпитер |
| Миррих | Арис | Баҳром | А-р-и-ғ-з | Марс |
| Шамс | Илиюс | Меҳр | А-х-и-р | Солнце |
| Зӯҳра | Афрудитӣ | Ноҳид | Ноҳич | Венера |
| Уторид | Ҳирмис | Тир | Чири | Меркурий |
| Қамар | Силинис | Моҳ | Моҳ | Луна |

Дар ин ҷадвал ба забони форсӣ номи сайёраҳо – Офтоб, Моҳ, Тир, Ноҳид, Баҳром, Ҳурмузд ва Кайвон зикр гардидаанд.

Адабиёти паҳлавӣ дар масъалаи кайҳоншиносӣ анъаноти зардуштияро идома додааст. Дар «Бундаҳишн» равшанон (ҷирмҳои осмонӣ) ба ду гурӯҳ ахтарон (ситораҳо, яъне ҷирмҳои осмонии сокин) ва абохтарон (ҷирмҳои осмонии ҳаракаткунанда, аз қабили сайёраҳо ва Офтобу Моҳ) тақсим карда шудаанд. Дар он ҳангоми баёни мубаризаи равшанони неку бад Тир, Ҳурмазд, Баҳром, Аноҳид, Кайвон, Хуршед ва Моҳ аз зумраи абохтарон, яъне сайёрагон номбар гардидаанд [20, с.31].

Омӯзиши ахбори Берунӣ имкон медиҳад гӯем, ки номи сайёраҳо ба забони хоразмӣ ба эзидону фариштагони оини зардуштӣ бахшида шудаанд. Муқоисаи космонимҳои мазкур бо номи сайёраҳои ба забони форсӣ гуфтаҳои моро тақвият мебахшанд. Масалан, космонимҳои Ҳурмузд ва Р-и-м-ж-д, Меҳр (Хуршед) ва А-х-и-р, Ноҳид ва Ноҳич ба ҳамдигар хеле наздик буда, космоними Моҳ дар ҳар ду забон як хел нишон дода шудааст.

Сайёраи Миррихро (Баҳром, Марс) Сайёраи сурх низ меноманд. Берунӣ дар «Китоб-ул-ҷамоҳир фи маърифат-ил-ҷавоҳир» (Минералогия) ном асараш ҳангоми тавсифи рустании хасак (хасакфар, хиск), ки яке аз навъҳояш ранги сурхи холис доштааст, сабаби Баҳром ном гирифтани ин сайёраро чунин баён кардааст: «… шираи он зарар дорад ва ин хуни аждаҳост (андам). Ғунчаи он баҳрама ном дорад… Ин моддаест, ки бо он либосро ранг мекунанд. Ба гумони ман сайёраи Миррих ба сабаби ранги сурх доштанаш ба форсӣ Баҳром номида шудааст» [13, с.37].

Дигар дар кулли осори Берунӣ номи сайёраҳо ҳамеша ба забони арабӣ оварда шудаанд.

Дар замонҳои қадим нуҷумшиносон Осмонро ба якчанд қисм тақсим карда, яке аз онҳоро Минтақат-ул-буруҷ (эклиптика) номида буданд. Ин тақсимбандӣ дар замони муосир низ истифода бурда мешавад. Минтақат-ул-буруҷ даври калони

Осмон аст, ки дар он ҳаракати солонаи Офтоб сурат гирифта, аз Замин дида меша-вад. Қад-қади ин доира дувоздаҳ бурҷ (галаситора) ҷой гирифтаанд, ки онҳоро бурҷ-ҳои дувоздаҳгона меноманд. Берунӣ минтақат-ул-буруҷро чунин тавсиф кардааст: «Ӯ он доираи бузург аст, ки минтақаи ҳаракати дувум аст ба осмон…Ва Офтоб чун сӯи Машриқ ҳамеравад, бар ин доира равад ва аз вай ҷудо нашавад…» [15, с.60].

Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» номи ин бурҷҳоро ба забонҳои арабӣ, юнонӣ, форсӣ ва хоразмӣ дар ҷадвали махсус гирд оварда, сабаби ба ин кор даст заданашро чунин баён сохтааст: «Акнун, ки барои кавокиб номҳои онро дар забонҳои мухталифа зикр кардем, ҳар чанд, ки аз мавриди баҳс хориҷ аст, хуб аст ҷадвале барои номҳои буруҷ дар луғоти гуногун тартиб диҳам, то аҳли нуҷумро мавриди истифода бошад» [6, с.201-202].

Аз суханҳои Берунӣ бармеояд, ки зикри номи бурҷҳо аз доираи мавзӯи баёнкардаистодаи ӯ берун буда, вай бо мақсади пешниҳоди мавод ба нуҷумшиносон ва осон кардани кори онхо ин ҷадвалро муратаб сохтааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки номи бурҷҳои дувоздаҳгона ба забони хоразмӣ дар дигар сарчашмаҳо дучор намеоянд. Танҳо ҳамин нукта басандагӣ мекунад қайд кунем, ки ахбори фавқуззикри Берунӣ хеле нодир буда, он барои илм арзиши фавқулода калон дорад. Дар ин ҷадвал низ ба монанди ҷадвали номҳои сайёрагон баҳаммонандӣ ва ё якхелагии номи баъзе аз бурҷҳо ба забони форсӣ ва хоразмӣ ба чашм мерасанд. Масалан: Бара – В-р-н, Гов – Ғов, Тарозу – Т-р-о-з-к, Карзанг– Х-р-ч-н-к (Харчанг). Хонандаи ҳушманд пай бурданаш осон аст, ки бархе аз ин космонимҳо айнан ва ё дар шакли каме тағйирёфта дар забони тоҷикӣ низ дучор меоянд.

Барои тақвият бахшидани суханҳоямон ва огоҳии бештар пайдо кардани хонандагон бо номи бурҷҳои дувоздаҳгона ҷадвали номбурда бо илова кардани номи русии бурҷҳо оварда мешавад.

| **Ҷадвали номҳои буруҷ** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Тозӣ (арабӣ – Ю.Б.) | Румӣ (юнонӣ – Ю.Б.) | Форсӣ | Хоразмӣ | Русӣ |
| Ҳамал, Кабш | Қриюс | Бара | В-р-н | Овен |
| Савр | Таврус | Гов | Ғов | Телец |
| Ҷавзо, Тавъамон | Дувдиму | Дупайкар | А-з-в-б-ч-р, К-р-и-к | Близнецы |
| Саратон | Қарҳанус | Карзанг | Х-р-ч-н-к | Рак |
| Асад | Лоон | Шер | С-р-ғ | Лев |
| Сунбула, Узро | Парсонас | Ҳӯша | В-в-ф-и-к | Дева |
| Мизон | Зуғос | Тарозу | Т-р-о-з-к | Весы |
| Ақраб | Исқарбиюс | Каждум | Др-м-ч-ик | Скорпион |
| Қавс, Ромӣ | Такеавтас | Нимосб | З-н-и-ик | Стрелец |
| Ҷадӣ | Ағуқарус | Беҳӣ | С-о-р-н-и-к | Козерог |
| Далв | Идриҳус | Дул | Д-в-р | Водолей |
| Ҳут, Самака | Иқсиюс | Моҳӣ | К-и-б | Рыбы |

Мусаллам аст, ки ҳар як бурҷ ба сурати ягон ҷонвар ва ё ашё тасвир карда мешуд. Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим», ки маводи он ба хонанда тариқи саволу ҷавоб пешниход гардидааст, сурати бурҷҳои дувоздаҳгонаро ҳангоми ҷавоб додан ба саволи «Ин суратҳо, ки бар минтақат-ул-буруҷ аст, чӣ гунаанд?» тасвир кардааст. Аз маълумоти Берунӣ бармеояд, ки бурҷҳои дувоздаҳгона ба забони форсӣ чунин номида мешудаанд – Гӯспанд, Гов, Ду кӯдаки бар пой истода, Харчанг, Шер, Ҷавонзан, Тарозу, Каждум, Тирандоз, Бузғола, Резандаи об, Моҳӣ [5, с.69-70].

Мутарҷими «Китоб-ут-тафҳим» аз забони арабӣ ба забони англисӣ Рамзай Райт аз нусхаҳои форсии рисолаи номбурдаи Берунӣ номи бурҷҳои дувоздаҳгонаро ба тариқи зайл қайд кардааст - barrah, gāv, du paikar, kharchang, shir, dūshīza- bā khūsha, tarāzū, kazdum, tir-andāz, buz-gāla, rīzanda āb, māhī, kabsh [22, c.69-70].

Дар «Бундаҳишн» бошад номи бурҷҳои дувоздаҳгона чунин омадаанд - Барра, Гов, Дупайкар, Харчанг, Шер, Хӯша, Тарозу, Каждум, Нимасб, Буз, Далв ва Моҳӣ [20, с.22].

Баррасии номҳои бурчҳои дувоздаҳгона, ки дар «Осор-ул-боқия» ва «Китоб-ут-тафҳим» гирд оварда шудаанд, имкон медиҳад натиҷа гирем, ки рисолаҳои номбурдаи Берунӣ дар ин масъала ҳамдигарро пурра месозанд.

«Ситорагони истода, - навиштааст Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим», - онанд, ки бар ҳама осмонҳо парокандаанд ва дурии эшон ҳамеша яксон аст, чунон-к яке ба дигар наздиктар ва дуртар нашаванд ва ба порсӣ эшонро «биёбонӣ» хонанд. Зеро ки гумшуда бад-он роҳ боз ёбад ба биёбон ва дарё андар» [5, с.55]. Дар ин ҷо истилоҳи «ситорагон» ба маънои бурҷҳо омадааст, ки аз якчанд ситора иборат мебошанд. Дар хусуси сурати онҳо Берунӣ навиштааст, ки «Ҳар якеро номе тавонист будан ҷудогона, агар кор дароз нашудӣ ва ёд доштани он душвор набудӣ. Ва ҳар яке аз умматҳои бузург ба ситорагон суратҳо ҳамеандешанд ва онро хабарҳо ва афсонаҳо ҳамениҳанд ва хосса араб ва ҳиндувону турк. Ва аммо юнониён бар ситорагон хатҳо андешиданд в-аз он ҷо суратҳо карданд, то ишорат кардан бад-он осон бувад ва хосса ба ғоибӣ ва китобҳо андар, то ситораҳоро тавонад гуфтан, он-к бар чашм сурати фалон ва баҳмон аст, ё ба даст ва ё ба пои ӯ. То маълум шавад миёни он ду касе, ки як бо дигар сухан ҳамегӯянд, ҳар гаҳ ки ҷумлаи он сурат ҳар дуро маълум бувад. Ва аз он суратҳо дувоздаҳ бар минтақат-ул-буруҷ афтод. Ва бисту як аз ӯ бар шимол ва понздаҳ аз ӯ ба ҷануб [15, с.89-90].

Сипас ӯ бурҷҳои шимолиро тасвир кардааст ва номҳои онҳоро ба забони форсӣ овардааст, ки онҳо чунинанд – Хирси Хурд, Хирси Бузург, Мори бузург ва дароз, Бонгкунанда, Косаи ятимон (Косаи мискинон), Зонузада, Чанги румӣ (Кашф), Мокиён, Худованди курсӣ, Барандаи сари ғул, Дорандаи инон, Морафсой, Мори морафсой, Тир, Уқоб, Асби нахустин, Асби дувум, Зани шӯйнадида, Сесӯ [5, с.70-71; 15, с.89-91].

Берунӣ ҳангоми ҷавоб додан ба саволи «Суратҳои ҷанубӣ кадомҳоанд?» номи ситорагони зеринро ба забони форсӣ баён кардааст - Бузургманиш, Ҷӯй, Харгӯш, Саги бузург, Саги пешин, Мори борики дароз, Киштӣ, Ҷом, Калоғ, Ниммард, Шер, Афсар, Моҳӣ [5, с.73-74; 15, с.98].

Берунӣ дар ҳамин асараш дар ҷадвалҳои махсус бори дигар ном ва шумораи ситорагони суратҳои шимолӣ, ҷанубӣ ва дувоздахбуручро қайд кардааст. Дар онҳо номи баъзе аз ситорагони номбурда ба гунаи дигар, яъне чунин оварда шудаанд – Барра (Гӯспанд), Дупайкар (Ду кӯдаки бар пой истода), Дӯшизаи нохоста ва Дӯшизаи бо хӯша (Ҷавонзан, Хӯша), Ними асб (Тирандоз), Аждаҳо (Мори бузург ва

дароз), Бар зону нишаста (Зонузада), Барандаи сари дев (Барандаи сари ғул), Гирандаи инон (Дорандаи инон), Мор (Мори морафсой), Пораи асб (Асби нахустин) Ба занҷир баста (Зани бозанҷир, Зани шӯй надида), Пиёла (Ҷом), Моҳии ҷанубӣ (Моҳӣ)[5, с.72-74; 15, с.92-94].

Дар ҳамин ҷой Берунӣ таъкид мекунад, ки ҷумлаи ситорагони Хирси Кӯчакро ба порсӣ «Ҳафтавранг» низ мегӯянд [5, с.75]. Ин галаситора дар байни тоҷикон бо номҳои «Ҳафт Пайкар» ва «Ҳафтдодарон» низ машҳур аст.

«Гурӯҳе аз мардумон, - навиштааст Берунӣ ҳангоми ҷавоб додан ба саволи «Ин собитаҳоро номҳои дигаре ҳаст?», - хосса аз даштиён, номҳое доранд мар ситорагонро, чунон-к эшонро тасвир ва ташбеҳ уфтад. Ва андар рӯзгори мо он-ч тозиён ном кардаанд, маъруфтар аст. Пас мо он-ч аз он пайдотару машҳуртар аст, ёд кунем» [5, с.74]. Сипас ӯ дар ин ҷо ба баёни номи ситораҳо мепардозад. Номи бархе аз ин ситораҳо ва ситораҳои дигар, ки Берунӣ ҳангоми тавсифи манозили Қамар баён кардааст, номи форсии онҳо набуда, дар асл тарҷумаи номи арабию юнонии ситораҳо ва ё тасвири шумораю шакли ҷойгиршавии онҳо мебошад. Ситораҳое, ки дар ин бахши «Китоб-ут-тафҳим» номбар гардидаанд, инҳоанд - Ҷастани Оҳувон, Салиби Воқеъ, Ду Гург, Шубон, Нигаҳбони Шимол, Бесилеҳ, Боғча, Каркаси нишаста, Саворон, Дасти ҳинобаста, Бузбон, Каркаси паранда, Биёбони Рӯбоҳ, Уштури Бузург, Ҳавз, Гусаста, Бозуи росткарда, Саги пешин, Уштурмурғон, Говон, Ду ҷуғз, Ҷуворӣ, Гузаранда, Савганддиҳанда, Савгандшикананда, Сари паҳлавон, Аспон, Хӯшаҳои хурмо, Ҷойгоҳи хоя ниҳодани уштурмурғон, Охур, Шоҳини тарозу, Каркаси нишаста, Кӯҳони уштур, Ду хар, Гӯспандон, Саги шубон, Космӯй, Дувал, Дасти гусаста, Камар, Нахлаи чашм, Мӯйи дунболи шер, Сабӯи далв (Сабӯи дувал), Хаймаи ғарибон, Сепоя (дегпоя), Чашми гов, Пасравандаи Парвин, Бинии шер, Бозуии шер, Дули каждум, Неши каждум, Ду дасти Парвин, Тахти Симок, Тахти Ҷавзо, Курсии Ҷавзо, Ду сурохии бинӣ, Хори ҷадӣ, Тири ромӣ, Миёни ду чашми каждум, Охур, Обрези далв, Заҳри каждум, Нештари каждум [5, с.74-78].

Аз «Китоб-ут-тафҳим» бармеояд, ки Берунӣ ба ғайр аз бурҷҳо барои баррасии хосияти дигар фазоҳои калони кайҳонӣ низ кӯшиш ба харҷ додааст. Чунончӣ, Берунӣ яке аз галактикаҳоро тавсиф карда навиштааст, ки «Маҷарраро порсиён «Роҳи Коҳкашон» хонанд ва ҳиндувон «Роҳи Биҳишт». Ва ӯ (галактика – Ю.Б.) ҷумла шудани бисёр ситорагон аст аз ҷинси ситорагони Абрӣ…». Дар давоми суханҳои Берунӣ бо номи форсии боз се ситора – Хирман, Гесӯ ва Дунбол ошноӣ пайдо мекунем [5, с.80].

Ба монанди он, ки ҳаракати зоҳирии солонаи Офтоб аз рӯи бурҷи дувоздаҳгона ба амал меояд, ҳаракати якмоҳаи Қамар низ ба яке аз бурҷҳо ва ситорагони ҷудогонаи осмон рост меояд. Ҳамин тариқ, дар осмон 28 «манозили Қамар» мавҷуд аст, ки Моҳ ҳар рӯз ба яке аз ин манзилҳо ҷой мегирад [1, с.206].

Берунӣ манозили Қамарро чунин тавсиф кардааст: «Чунон, ки минтақат-ул-буруҷ тақсим карда шуд ба бахши рост, номи ҳар яке буруҷ, ҳамчунон низ қисмат карда омад ба андозаи рафтани Моҳ ҳар рӯзе, чунон-к ҳар рӯзе ба манзиле аз он фуруд ояд. Ва адади ин манзилҳо ба наздики ҳиндувон бисту ҳафт аст ва наздики тозиён бисту ҳашт. Ва чунон-к бурҷҳоро аз ситорагони собита суратҳо карданд, ҳамчунон аз кавокиби собита мар манзили Қамарро нишонҳо карданд» [5, с.77].

Дар осори Берунӣ доир ба манозили Қамар маълумоти мухталиф, аз қабили номҳо ва тавсифи манозили Қамар, вобастагии манозили Қамар бо аҳкоми нуҷум ва амсоли онҳо зиёданд.

Ӯ дар «Осор-ул-боқия» дар ҷадвали махсус номи манзилҳои Қамарро ба забонҳои арабӣ, суғдӣ ва хоразмӣ гирд оварда навиштааст, ки хоразмиёни қадим манзилҳои Қамарро ба хубӣ медонистаанд. Аммо, ин донишҳо дар замони олим қариб, ки аз ёдҳо фаромӯш гардида будаанд, зеро нафароне, ки манозили Қамар ва номи онҳоро ба забони хоразмӣ медонистанд, бинобар гуфти Берунӣ «аз ҳаёт рахт барбаста» буданд. Берунӣ навиштааст, ки дар забони хоразмӣ мунаҷҷимро «ахравиник» ва яке аз манзилҳои Қамарро «ахрав» меномиданд [6, с.262-263; 14, с.368].

Истилоҳҳои мазкур дар нашри арабии «Осор-ул-боқия» ва тарҷумаи он ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ ҳархела оварда шудаанд. Масалан, дар нусхаҳои ӯзбекӣ ва русӣ «ахтарвеник» ва «ахтар» [11, с.282; 12, с. 259], дар нашрҳои арабӣ «ахравиник» ва «ахтар» [9, с.238; 14, с.350]. Ҳангоми навиштани мақолаи мазкур ду нусхаи хаттии «Осор-ул-боқия» мавриди истифода қарор дода шуд. Дар нусхаи Донишгоҳи Эдинбург ин истилоҳҳо «уххирвиник» ва «ахйар» сабт гардида, дар нусхаи китобхонаи миллии Фаронса «Галлика» ин қисмати «Осор-ул-боқия» вуҷуд надорад.

Берунӣ инчунин қайд кардааст, ки номҳои ба бурҷҳо гузоштаи хоразмиён назар ба номҳои арабӣ дақиқтар буда, бо сурате, ки ба ин бурҷҳо нисбат дода шудаанд мувофиқтар мебошанд. Барои тақвият бахшидани суханҳояш ӯ бурҷи Ҷавзоро мисол оварда навиштааст, ки: «Ҳатто ин, ки Ҷавзоро дар ҷумлаи буруҷ ба ҷои Тавомайн гузоштаанд, бо он ки Ҷавзо сурати Ҷаббор аст. Ва аҳли Хоразм гоҳе ин бурҷро [Ҷавзо – Ю.Б.] «Азувпичкирик» гӯянд ва маънои он «зуссанамайн аст» ва «муқтазои Бо Дупайкар», низ ба маънои он мебошад» [6, с.262-263].

Дар поён ҷадвали номбурда бо илова намудани номи манозили Қамар ба забони паҳлавӣ аз «Бундаҳишн» оварда мешавад. Бинобар гуфти муҳаққиқон ва мутарҷимони “Бундаҳишн” талаффузи номи манозили Қамар дар матнҳои позандӣ ва паҳлавӣ ношинохта буда, якхела дуруст онҳо ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз ин номҳо шартан оварда шудаанд [18, с.326; 20, с.391].

| **Ҷадвали манозили Қамар** | | | |
|---|---|---|---|
| **Номҳои манозили Қамар ба луғати араб** | **Номҳои он ба луғати Суғд** | **Номҳои он ба луғати аҳли Хоразм** | **Номҳои он дар «Бундаҳишн»** |
| ас-Сурайё | П-р-в-ӣ | П-р-в-ӣ | Падиспар |
| ад-Дабарон | Ба-б-р-в | Ба-б-р-в | Пешпарвиз |
| ал-Ҳанъат | Мр-а-з-на | Ах-мо-х | Пайиг |
| аз-Зироъ | Р-ш-н-в-н-д | Х-в-ё | Бузисар |
| ан-Насра | Ғ-с-ф | Ғ-в-с-ф | Башн |
| ан-Насра | Ғ-н-б | Ҷирӣ | Рахват |
| ат-Тарф | Х-м-ш-р-и-ш | Х-м-ш-и-ш | Таришак |
| ал—Ҷабҳат | М-ғ | Ачир | Азарат |
| аз-Зубрат | В-з-а (В-з) | А-м-ғ | Нахв |
| ас-Сарфат | В-и-з-в | В-и-з-и-в | Маён |
| ал-Авво | Ф-с-т-ш-т | А-ф-с-с-т | Авдум |
| ас-Симоқ | Ш-ғор | А-х-ш-ф-р-и | Мошоҳа |
| ал-Ғафр | С-р-в | Ш-в-ш-к | Успур |
| аз-Зубониён | Ф-с-р-в | С-ро-ф-с-р-и-в | Ҳусрав |
| ал-Иқлил | Ғ-н-в-н-д | А-ғ-н-в-н-д | Сирӯй |
| ал-Қалб | В-ғ-н-в-н-д | В-ғ-н-в-н-д | Вар |
| аш-Шавлат | М-ғ-н-с-д-в-и-с | Зо-р-и-н-д | Дил |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ан-Наоим | Б-с-с-м | С-р-з-и-в | Дирафша |
| ал-Балдат | В-ж-з-и-к | М-р-х-ш-и-к | Варант |
| Саъд-уз-Зобеҳ | В-и-н-д | Х-ч-м-н | Го |
| Саъд-Булаъ | Ю-ғ | Ю-ғ | Юғ |
| Саъд-ул-Ахбия | Ш-з-м-ш-и-р | С-д-м-с-и-ҷ | Мӯрӣ |
| Саъд-ус-Суъуд | Ш-в-ш-т | М-ш-т-в-н-д | Бунзаҳ |
| ал-Фарғ-ул-Муқаддам | Ф-р-ш-т-бо-с | Ф-н-х-ш-б-и-с | Қаҳтсар |
| ал-Фарғ-ул-Муаххар | Б-р-ф-р-ш-т | В-б-ир | Қаҳтмиён |
| Батн-ул-Ҳут | Р-и-в-н-д | Ж-доз | Қаҳт |
| аш-Шаратон | Б-ш-и-ш | Р-и-в-н-д | |
| ал-Бутайн | Б-р-в | Ф-р-н-х-н-д | |

Мутассифона олимон то ба ҳол шакли хоразмии номи манзилҳои Моҳро аниқ хонда наметавонанд. Лекин, номи баъзе аз онҳоро ҳамноми дигар космонимҳои форсию суғдӣ ва хоразмӣ номем хато намекунем. Масалан, аз эҳтимол дур нест, ки номи манзили якум Парвин ва манзили дуюм Бабр бошад.

Ҳамин тариқ пас аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии маълумоти Берунӣ оид ба космонимияи халқҳои эронизабон чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

Берунӣ аз осори зардуштия ва адабиёти паҳлавӣ ба хубӣ бархурдор буда, ахбори ӯ роҷеъ ба космонимияи халқҳои эронизабон дар заминаи ҳамин осор рӯи кор омадаанд.

Муқоисаи космонимҳо ба забонҳои форсӣ, суғдӣ ва хоразмӣ бори дигар собит месозад, ки ин забонҳо решаи ягона дошта, дину фарҳанги форсҳо, суғдиҳо ва хоразмиёни қадим аз як сарчашма маншаъ мегиранд.

Баёни космонимҳо ба забонҳои мухталиф ва тарҷумаю маънидодкунии онҳо гувоҳ бар онанд, ки Берунӣ дар ҳақиқат донандаи якчанд забон будааст.

Космонимҳое, ки бо олами ҳайвонот вобастаанд, шаҳодат медиҳанд ки аксари зоонимҳои халқҳои эронизабон дар тӯли 1000 сол чандон тағйир наёфтаанд.

Дар бисёр мавридҳо космонимҳои суғдӣ ва хоразмӣ якхелаанд.

Ахбори Берунӣ роҷеъ ба космонимияи Хоразм моро водор месозад фарзияеро пешниҳод кунем, ки маълумоти фавқуззикри ӯ дар замони худи олим низ камназир будааст. Номи баъзе аз ситораҳо ва бурҷҳое, ки Берунӣ ба забони форсӣ қайд кардааст космоним набуда, дар асл тарҷумаи космонимҳо аз дигар забонҳо ва ё тасвири шаклу ҷойгиршавии ҷирмҳои осмонӣ мебошанд.

Космонимҳо хусусияти байналмиллалӣ доранд. Умумияти космонимияи халқҳои мухталиф на танҳо дар истилоҳоти илмии астрономӣ, балки дар тасвири маънои дохилии ҷирмҳои осмонӣ низ ба назар мерасанд.

**Пайнавишт:**

1. *Абдулло–зода Х.Ф. Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва таърихи астрономияи халқи тоҷик. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 346 с.*
2. *Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ / Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – 792 с.*
3. *Беруни, Абу Райхан. Канон Масъуда / Абу Райхан Беруни // Избр. произведения. – Ташкент: Фан, 1976. – Т.V. – Ч.2. – 636 с.*
4. *Беруни, Абу Райхан. Книга вразумления начаткам науки о звездах / Абу Райхан Беруни // Избр. произведения. – Ташкент: Фан, 1975. – Т. VI. – 328 с.*

5. *Берунӣ, Абурайҳон. Китоб–ут–тафҳим ли–авоили саноат–ит–танҷим / Абурайҳон Берунӣ. – Душанбе: Дониш, 1973. – 285 с.*
6. *Берунӣ, Абурайҳон. Осор–ул–боқия / Абурайҳон Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.*
7. *Ал-Берунӣ, Абурайҳон Муҳаммад ибн Аҳмад. Ал-Осор ал-боқия ан ил-қурун ал-ҳолия // Захираи дастхатҳои арабии китобхонаи миллии Фаронса «Галлика».- №.1489.*
8. *Ал-Берунӣ, Абурайҳон Муҳаммад ибн Аҳмад. Ал-Осор ал-боқия ан ил-қурун ал-ҳолия // Захираи дастхатҳои Донишгоҳи Эдинбург. – Or.Ms.№.161.*
9. *Ал-Берунӣ, Абӯрайҳон Муҳаммад ибн Аҳмад. Ал-Осор ал-боқия ан ил-қурун ал-ҳолия // Chronologie orietalischer Volker von Alberuni. Herausgegeben von Dr. C.Eduard Sachau. – Leipzig, 1878. - 476 с.*
10. *Беруни, Абу Райхан. Канон Масъуда / Абу Райхан Беруни // Избр. произведения. – Ташкент: Фан, 1976. – Т.V. – Ч.2. – 636 с.*
11. *Беруний, Абу Райҳон. Қадимги халқлардан қолган ёдгориклар / Абу Райҳон Беруний // Танланган асарлар. – Тошкент: Фан, 1968. – I ж. – 485 б.*
12. *Бируни, Абу Райхан. Памятники минувших поколений / Абу Райхан Бируни // Избранные произведения. – Ташкент: Изд. АН УзССР, 1957. – Т. I. – 485 с.*
13. *Ал–Бируни, Абу–р–Райхан Мухаммед ибн Ахмед. Собрание сведений для познания драгоценностей (Минералогия) / Абу–р–Райхан Мухаммед ибн Ахмед ал–Бируни. – М.: Изд. АН СССР, 1963. – 518 с.*
14. *Бирунӣ, Абурайҳон. Осор–ул–боқия / Абурайҳон Бирунӣ. – Теҳрон: Сипеҳр, 1377. – 611 с.*
15. *Бирунӣ, Абурайҳон. Ат–Тафҳим ли–авоили саноат–ит–танҷим / Абурайҳон Бирунӣ. – Теҳрон, 1376. – 740 с.*
16. *Бирунӣ, Абурайҳон. Осор-ул боқия ан ил-қурун ал-ҳолия / Абурайҳон Бирунӣ. – Теҳрон: Мероси мактуб, 1380. – 457 с.*
17. *Булгаков, П.Г. Беруни и его «Геодезия» / П.Г.Булгаков // Беруни Абу Рейхан. Геодезия. Избранные произведения. – Ташкент: Фан, 1963. – Т. III. – С.7–78.*
18. *Зороастрийские тексты. Суждения Духа разума (Дадестан-и меног-и храд). «Сотворение основы» («Будахишн») и другие тексты. – М.: Изд. фирма «Восточная литература» РАН, 1997. – 352 с.*
19. *Ёҳақӣ, Доктор Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Доктор Муҳаммадҷаъфар Ёҳақӣ. – Душанбе, 2013.– 987 с.*
20. *Мероси хаттии Бостон.- Душанбе: «Бухоро», 2013. – 460 с.*
21. *Султон, Мирзо Ҳасан. Истилоҳоти илмии «Китоб ут-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ / Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Дониш, 2003. – 168 с.*
22. *Al-Bīrūnī, Abu'l-Rayḥān Muḥammad Ibn Aḥmad. The Book of instruction in the elements of the art of astrology / Abu'l-Rayḥān Muḥammad Ibn Aḥmad al-Bīrūnī; reproduced from Brit. Mus. MS. Or. 8349 / / The translation facing the text by R. Ramsay Wright.- London : Luzac, 1934. - XVIII, 530 с.*

### Reference Literature

1. *Abdullozoda Kh. F. Abdumakhmud Khujandi in the History of Tajik Nation's Astronomy. - Khujand: Light of Enlightenment, 2005. - 346 pp.*
2. *Avesta. The Ancientest and Iranian Texts. - Dushanbe, 2001. - 792 pp.*
3. *Beruni, Abu Rayhon. Masula's Canon // Abu Rayhon Beruni // Selected Works. - Tashkent: Science, 1976. - V.V. p. 2. - 636 pp.*
4. *Beruni, Abu Rayhon. The Books of Instructions in the Elements of the Science about Stars // Abu Rayhon Beruni // - Tashkent: Science, 1975. - V. VI. - 328 pp.*

5. *Beruni, Aburayhon. The Book of Instructions of the Elements of the Art of Astrology. - Dushanbe: Knowledge, 1973. - 285 pp.*
6. *Beruni, Aburayhon. The Book o Instructions of the Elements of the Art of Astrology. - Dushanbe: Cognition, 1990. - 432 pp.*
7. *Al-Beruni, Aburayhon. The Remaining Traces of the Centuries that Have Passed. - "Gallica", №1489.*
8. *Al-Beruni, Aburayhon Mukhammad ibn Ahmad. The Remaining Traces of the Centuries that Have Passed // Manuscripts of Edinburgh University. Or. Ms. №161.*
9. *Al-Beruni, Aburayhon Mukhammad ibn Ahmad. Chronologic Character of Oriental Peoples from Alberuni. Issues by Dr. C. Eduard Sachau. - Leipzig, 1878. - 476 pp. (in German)*
10. *Beruni, Abu Rayhon. Masudi's Canon // Abu Rayhon Beruni // Selected Works. - Tashkent: Science, 1976. - V.V., p.2. - 636 pp.*
11. *Beruni, Abu Rayhon. The Remaining Traces of the Centuries that Have Passed. - Tashkent: Science, 1968. - 1zh. - 485 b.*
12. *Beruni, Abu Rayhon. Monuments of the Generations Passed. - Abu Rayhon Biruni // Selected Works. - Tashkent: Publishing-house of the USSR Academy of Sciences, 1957. - V.1. (The Remaining Traces that Have Passed).*
13. *Al-Beruni, Abu-r-Rayhon. Mukhammad ibn Ahmed. Collection of Data for Cognition of Precious Jewellery (Mineralogy). // Abu-r-Rayhon Mukhammad ibn Akhmad Beruni. - M.: Publishing-house of the USSR Academy of Sciences, 1963. - 518 pp.*
14. *Biruni, Aburayhon. Scientific Productions // Aburayhon Biruni. - Tehran: Sipehr, 1377 hijra. - 611 pp.*
15. *Biruni, Aburayhon. (Kitab Tafhim li-Awa'il, Sina' at al-Tanjim. - Tehran, 1376. - 740 pp.*
16. *Biruni, Aburayhon. Scientific Productions. - Tehran: Merosi Maktub, 1380 hijra. - 457 pp.*
17. *Bulgakov P. G. Beruni and his "Geodesy" // P. G. Bulgakov // Beruni Abu Rayhon. Geodesy. Selected Works. - Tashkent: Science, 1963. - V.III. - PP. 7 - 78*
18. *Zoroastrian Texts. Judgements of the Spirits of Mind. Creation of the Ground (Budahishi) and other Texts. M.: Publishing-house firm "Oriental Literature" under the Russian Academy of Sciences, 1997-352 pp.*
19. *Yokhaki, Dr. Mukhammadjafar. (Encyclopedia of Myths and Eposes in Persian Literature). - Dushanbe, 2013. - 987 pp.*
20. *Written Heritage of Ancient Times. - Dushanbe: "Bukhara", 2013. - 460 pp.*
21. *Sulton, Mirzo Hasan. Scientific Terminology "Kitob-ut-Tafhim" by Aburayhon Beruni.*
22. *Al-Bīrūnī, Abu'l-Rayḥān Muḥammad Ibn Aḥmad. The Book of Instructions in the Elements of the art of astrology / Abu'l-Rayḥān Muḥammad Ibn Aḥmad al-Bīrūnī; reproduced from Brit. Mus. MS. Or. 8349 / / The translation facing the text by R. Ramsay Wright.- London: Luzac, 1934. – XVIII. - 530 pp.*